**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 94/2с
аз «11» 07 соли 2023

Хулоса оид ба лоиҳаи Тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа хулосаи зерин пешниҳод мегардад:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда риоя гардидааст.

2. Дар бандҳои 3 ва 5 лоиҳа уҳдадориҳо барои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба супоридани боҷ ва пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст.

3. Дар банди 4 лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба доштани филиал ё намояндагии худ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷуд будани на кам 25 фоизи саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ

моликияти давлат ва ташкил додани на кам 25 фоизи сармояи оинномавии дигар субъектҳои хоҷагидор моликияти давлат пешбинӣ шудааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегарданд.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои дуруст ба роҳ мондани расмиёти ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.